«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
_____
«5» 09 соли 2022

ХУЛОСАИ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзӯи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Дар давраи омода намудани диссертатсия аз соли 2017 то соли 2022 Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар гурӯҳи буҷавӣ ба ҳисоб мерафт.

Ҳамзамон, Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло аз соли 2008 инҷониб дар мақомоти судии кишвар ва аз моҳи феврали соли 2020 дар вазифаи раиси суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон фаъолият намуда истодааст.

Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло соли 2007 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 24 феврали соли 2022, таҳти №19 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул гардид:

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегарад,

ки тағйиротҳои куллӣ дар соҳаҳои муайяни ҳаёти иҷтимоӣ боиси тағйир ёфтани дигар соҳаҳои он мегардад, зеро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар худ организми гуногунҷабҳаи инкишофёбандаро таҷассум менамояд. Ислоҳотҳои баамаломада яке аз соҳаҳои анъанавии ҳуқуқ – ҳуқуқи ҷиноятиро низ аз мадди назар дур нагузоштанд. Сабаби асосии тағйиротҳои дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бавуқӯъомада ин дар муносибатҳои ҷамъиятие, ки таҳти ҳифзи (ҳимояи) ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ қарор доранд, маъно ва моҳияти нав пайдо намудани он мебошад. Пайдо гардидани арзишҳои иҷтимоии навину афзалиятнок ҳимояи дахлдорро аз ҳама гуна кирдорҳои эҳтимолии зиддиҷамъиятӣ талаб менамоянд. Аз ин рӯ, дар ҷаҳони муосир ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ин арзишҳо ва умуман мубориза алайҳи ҷинояту ҷиноятқорӣ мавқеи муҳимро касб менамояд.

Бо шарофати ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳаёти ҳуқуқии кишвар низ дигаргуниҳои куллӣ ва тағйиротҳои чашмрас падид омаданд. Дар натиҷаи татбиқи бомароми ислоҳотҳои ҳуқуқӣ бо дарназардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳамқадами замон гардонидани мазмуну моҳияти қонунгузории амалкунанда дар низоми ҳуқуқии мамлакат таҳаввулот ба вуқуъ пайваст. Маврид ба зикр аст, ки ин истилоҳотҳо ва дигаргуниҳо низ соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро фаро гирифтанд. Гузариш ба низоми нави давлатдорӣ, эътирофи шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, ба роҳ мондани фаъолияти иқтисодӣ ва пешбурди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар умум зарурати аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз ва ҳимояи арзишҳои нави иҷтимоӣ ва падидаҳои ҳуқуқиро рӯйи кор овард.

Аз ин рӯ, дар шароити то рафт вусъат пайдо кардани ҷиноятҳои фаромиллӣ бо дарназардошти паёмадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ ва муқовимат алайҳи ҷинояту ҷиноятқорӣ беш аз ҳар вақта дигар мавқеи муҳимро касб менамояд.

Дар марҳилаи муосири рушду инкишофи ҷомеаи тоҷикон ҷазои ҷиноятӣ василаи таъсиргузори давлат нисбат ба ҷинояти содиргардида мебошад. Дар иртибот ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои

миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид қайд менамоянд, ки «Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем. Зеро пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд. Тавре ки ман борҳо таъкид карда будам, фаъолияти чунин равияҳои экстремистӣ, радикалӣ ва хурофотпарастӣ яке аз омилҳои асосии хатарзо барои имрӯзу фардои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа ба шумор меравад ва аз мо андешидани чораҳои муштаракро талаб менамояд».

Мувофиқи маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз соли 2010 то 2020 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 218465 ҷиноят ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин шумора 52059 онро ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ташкил менамоянд ва ҳолати мазкур нигаронкунанда мебошад. Ин нишондиҳанда дар ҳолест, ки ҳамсола теъдоди зиёди парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби судҳо ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вобаста ба ҳолатҳои кор ва кирдори содиршуда ҷазои ҷиноятии сазовор нисбат ба гунаҳкорон таъин карда мешаванд. Бо вуҷуди амалӣ сохтани табирҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ ва таъини ҷазоҳои ҷиноятии дахлдор сатҳи содиршавии ҷиноятҳо коҳиш наёфта, баръакс ҷинояткорӣ тамоюли рӯ ба афзоишро касб намудааст.

Аз ин рӯ, муаллиф қайд менамояд, ки таъини ҷазои ҷиноятӣ тартиби дақиқи ҳуқуқӣ ва асосноккунии илмиро талаб менамояд, то ки гунаҳгор ҷазои сазовор гирифта, талаботи адлу адолат риоя гарданд ва чораҳои таъсирасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ танҳо барои ноил гардидан ба мақсаду ҳадафҳои назди ҷазо гузошташуда роҳандозӣ шуда, онҳо бояд дар ҳадди зарурӣ истифода бурда шаванд. Маҳз дар ҳамин раванд моҳияти яке аз

самтҳои асосии сиёсати ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода мегардад.

Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати яке аз самтҳои татбиқи консепсияи давлатии таъмини амнияти криминологӣ баромад менамояд ва дар эътироф кардани алоқамандӣ ва баҳамвобастагии появии муқаррароти асосии он бо сиёсати иҷтимоии давлат, инчунин сиёсати пешгирии ҷиноятқорӣ, ҳимоя ва дастгирии ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо, иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятидошта, барқарорсозии иҷтимоӣ ва назорат аз болои шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо кардаанд, пешбинӣ мешавад.

Рисоланавис бар он нуктаи назар аст, ки муайян кардани андозаи ҷазои аниқ барои ҷинояти ягона, ки гунаҳгор содир намудааст, бештар мушкилотҳои ҷиддиро ба миён меоварад. Аммо агар гунаҳгор якчанд ҷиноят содир намуда, дар кирдори ӯ аломатҳои якчанд таркиби мустақими ҷиноятҳо дида шаванд, боз ҳам мавқеи судро дар мавриди интихоби ҷазоҳои ҷиноятии дахлдор мураккаб мегардонад.

Муаллиф муаян намудааст, ки натиҷаи омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи таҷрибаи тафтишотӣ-судии кишвар нишон медиҳад, ки ҳолатҳои зиёде аз ҷониби шахсони алоҳида содир кардани якчанд ҷиноятҳо баръало ба чашм мерасанд. Чунин ҳолат бо сабаб ва омилҳои гуногун асос меёбад. Аз ҷумла: 1) дар баъзе ҳолатҳо шахс то дастгир гардидан пай дар пай ва дар вақтҳои гуногун ду ва зиёда аз он ҷиноят содир намуда, ҳамзамон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад; 2) дар ҳолати дигар бо як ҳаракат ду ё зиёда аз он кирдори ҷиноятӣ содир менамояд; 3) дар ҳолати сеюм ҷинояти навро пас аз эълон гардидани ҳукм барои ҷинояти қаблан содиранамуда ё пас аз эътибори қонунӣ пайдо намудани он, аммо то иҷро шудани ҳукм ё ин ки мавриди адои ҷазо, содир намудааст; 4) маҳкумшуда ҷинояти навро ҳангоми муҳлати адонагардидаи ҷазо, пас аз шартан пеш аз муҳлат озод гардидани худ, иваз кардани муҳлати адонагардидаи ҷазо бо ҷазои сабуктар ё ин ки дар давраи муҳлати санҷишӣ ҳангоми шартан маҳкум шудан ё ин ки ҳангоми таъин намудани ҷазо бо татбиқи шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан ба тариқи м.71-и КҶ ҶТ пешбинишуда содир менамояд; 5) шахс пас аз пурра адо намудани ҷазо аз рӯи ҳукми пештара, аммо то барҳам хурдани доғи судӣ

барои ҷинояти содирнамудааш, боз ҷиноят содир менамояд; 6) ҷинояти навро пас аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҷазо ба тариқи м.м. 72,73,74 ва 75-и КҶ ҶТ пешбинишуда озод шудан содир менамояд.

Ба ақидаи рисоланавис дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷуд будани падидаи сершуморагии ҷиноятҳо бештар бо зарурияти баамалбарории принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳар як ҷинояти содирнамуда, инчунин таъмини адолати иҷтимоӣ ба воситаи асосноккунии ҳуқуқии иловагӣ оид ба таъини ҷазои сахттар нисбати шахсе, ки якчанд ҷиноятро содир намудааст, асос меёбад.

Мавриди муайян намудани ҷазои ниҳоӣ нисбате шахсе, ки якчанд ҷиноятро содир намудааст, дар таҷрибаи судӣ мушкилотҳои зиёде ба миён меоянд.Ба ақидаи муалиф, ин ҳолат бинобар сабаби мушкилоти танзими ҳуқуқии қонуният, аз ҷумла нокифоя будани тартиби дақиқи ҳуқуқии қоидаҳои таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо ба вуҷуд меоянд.

Муаллиф чунин ақида дорда, ки қабули қарорҳои беасос оид ба намуд ва андозаи ҷазо шаъну эътибори адолати судиро паст мезананд, онҳо ба тағйир додан ё бекор кардани ҳукм ва хароҷотҳои дорои хусусияти моддӣ ва зарари ҷуброннопазири маънавӣ, ки бо баррасии такрории парванда алоқаманд аст, оварда мерасонад.

Муаллиф бар чунин назар аст, ки «Норасоии» мавҷудаи қонунгузорӣ, ки масъалаи таъини ҷазоро ба танзим медарорад, субъективизмро ба миён меоварад, аз ин рӯ, дар таҷрибаи судӣ низ ихтилофҳо пайдо мегарданд.

Дар адабиётҳои илмӣ сабаб ва омилҳои нодуруст таъин кардани ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо ба таври гуногун шарҳу тавзеҳ дода мешаванд. Ба назари мо, андешаҳо дар хусуси дар сатҳи пасти тахассусии судяҳо, хилофи тартибот ва қоидаҳои ҷойдошта амал кардани онҳо, ноҷурӣ дар фаъолияти сохтори судӣ, бетаваҷҷуҳӣ зоҳир кардан ва аз рӯйи иродаи хеш амал кардани судяҳо-ҳамчун омили мушкилафзои таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо асоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ надоранд.

Аз ин рӯ, рисоланавис чунин қайд менамояд, ки бо дарназардошти зарурати такмили танзими ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятӣ дар иртибот ба падидаи таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо дар асоси афкори пешқадами

олимони соҳа ва таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои мутамаддин зарурати анҷом додани таҳқиқоти комили илмӣ оид ба масъалаи мазкур ҷой дорад.

Муаллиф қайд намудааст, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ» аз 17 майи соли 2004, №35 ба КҶ ҶТ як қатор тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуд. Аз 405 моддаи КҶ ба 310 моддаи он тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Тағйиротҳои мазкур ба намудҳои сершумогарии ҷиноятҳо, аз қабили такрори ҷиноят (м.19-и КҶ ҶТ), маҷмӯи ҷиноят (м.20-и КҶ ҶТ), ретсидиви ҷиноят (м.21-и КҶ ҶТ) ва ҳамчунин ба таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо низ (м.67-и КҶ ҶТ) дахл кард. Ҳамин тариқ, қонунгузор диққати худро ба чунин институти сершуморагии ҷиноятҳо, ба амсоли маҷмӯи ҷиноятҳо ҷалб намуда, инчунин қоидаҳои таъини ҷазоро аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо тағйир додааст.

Меъёрҳои амалкунандаи КҶ ҶТ, ки масъалаи таъини ҷазоро ба танзим медароранд (аз он ҷумла, меъёрҳо вобаста ба қоидаҳои таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо), дорои камбудиҳои ҷиддӣ мебошанд. Аз ин рӯ, муаллиф чунин пешниҳод менамояд, ки бо дарназардошти дастовардҳои муосири илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, криминология, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ ва таҷрибаи судӣ ин меъёрҳо бояд бознигарӣ карда шуда, аниқу мушаххас тартиб дода шаванд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки рисола яке аз нахустин корҳои илмии назариявӣ ва амалии ҳуқуқи ҷиноятии замони муосир дар бораи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ» аз 17 майи соли 2004, №35 ба шумор меравад. Зимнан бояд ёдрас шуд, ки дар асоси ин қонун ба КҶ ҶТ таҳрири соли 1998 тағйироту иловаҳои зиёд, аз он ҷумла бевосита вобаста ба масъалаи мавриди таҳлил қарордошта ворид шуда буданд.

Ҳамчунин, навгонии илмии мавзӯи таҳқиқот дар он аст, ки дар рисола қоидаҳои муайян (алгоритм) оид ба таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо пешкаш гардидаанд, ки имконият медиҳанд таъсири онҳо ба намуд, муҳлат

ва андозаи ҷазо инъикос карда шавад.

Навгонии рисола инчунин дар он аст, ки муаллиф таклифотро дар бораи дар КҶ ҶТ ворид намудани мафҳуми сершуморагии ҷиноятҳо мухтасар ифода намуда, қоидаҳои интихоби тарзҳои мушаххаси таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо: бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ва бо роҳи қисман ё пурра зам кардани ҷазоҳоро дақиқ муайян намудааст.

Интихоби тарзи дахлдори муқаррарнамоии ҷазои ниҳоӣ аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо барои суд яке аз муҳимтарин масъала ба шумор меравад. Ҳамзамон, дар қонуни ҷиноятӣ дар хусуси он ки дар кадом ҳолатҳо суд бояд принсипи бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, ё ин ки принсипи бо роҳи қисман зам кардани ҷазоҳо, инчунин дар кадом ҳолатҳо бо роҳи пурра зам кардани ҷазоҳои ҷиноятиро татбиқ намояд, масъалагузории дақиқ нашудааст. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло нахустин маротиба қоидаҳои (алгоритм) оид ба таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо тарҳрезӣ ва пешкаш гардидааст, ки тавассути онҳо расидан ба мақсади ҷазо имконпазир мегардад.

Навгонии таҳқиқоти мазкур боз дар он аст, ки рисола чанд таклифоти навро оид ба такмил додани меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ вобаста ба таъини ҷазо фаро мегирад.

Навгонии илмии таҳқиқот бо нуктаҳои илмии зерин, ки ба ҳимоя пешкаш карда мешаванд, собит мегардад:

Муаллиф қайд менамояд, ки мафҳуми сершуморагии ҷиноят заминаҳои назариявӣ ва илмӣ дошта, он дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ мавҷуд намебошад. Пешбинӣ намудани мафҳуми мазкур дар моддаи алоҳидаи қисми махсуси КҶ ҶТ басо муҳим ва саривақтӣ мебошад. Зеро сершуморагии ҷиноят бевосита доир ба масъалаи банду баст намудани кирдорҳои ҷиноятӣ вобастагии зич дорад.

Муаллиф мафҳуми сершуморагии ҷиноятро бо мазмуни зайл пешниҳод намудааст:

“Моддаи 191. Сершуморагии ҷиноят

1) Аз тарафи шахси (шахсони) гунаҳгор содир намудани ду ва ё зиёда

кирдорҳои ҷиноятие, ки ҳар як кадоми он таркиби мустақили ҷиноятро ташкил намуда, аҳамияти ҳуқуқии ҷиноятии худро гум накардааст ва монеаи ҳуқуқӣ ҳангоми ба амал баровардани истеҳсолоти мурофиавии ҷиноятӣ вуҷуд надорад, сершуморагии ҷиноят эътироф карда мешавад.

2) Намудҳои сершуморагии ҷиноятро такрори ҷиноят, маҷмӯи ҷиноят ва ретсидиви ҷиноят ташкил медиҳанд."

2. Муаллиф бар он нуктаи назар мебошад, ки ҳангоми муқаррар кардани ҷазои ниҳоӣ нисбати шахсе, ки якчанд ҷиноятро содир намудааст, бештар дар таҷрибаи судӣ мушкилотҳое ба миён меоянд, ки бинобар нокифоя будани тартиби (низоми) возеҳу равшани ҳуқуқӣ доир ба таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо мебошад.

Таклифи алгоритми таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо, ин бо худ қоидаҳои марҳила ба марҳила (пай дар пай) таъин кардани ҷазо дар аввал барои ҳар як ҷиноят, ки маҷмӯро ташкил медиҳанд, сипас таъини ҷазои ниҳоиро (ҳангоми он бояд яке аз тарзу услубҳои дар қонун қайдгардида дар бораи муайян кардани ҷазои ниҳоӣ интихоб карда шавад) фаро мегирад.

Дар марҳилаи ибтидоӣ тибқи талаботи қ.1-и м.67-и КҶ ҶТ «ҷазои алоҳида барои ҳар як ҷинояти содиршуда таъин карда мешавад», дар марҳилаи хотимавӣ тибқи талаботи қ.қ. 2 – 6-и м.67-и КҶ ҶТ «ҷазои ниҳоӣ» муайян карда мешавад.

Ҳамзамон, дар марҳилаи ибтидоӣ тибқи талаботи қ.3-и м.60-и КҶ ҶТ ҳолатҳои мазкур бояд қатъиян ба инобат гирифта шаванд: хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ва шахсияти гунаҳгор, аз он ҷумла ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо, инчунин таъсири ҷазои муқарраргардида ба ислоҳшавии маҳкумшуда. Ба инобат гирифтани асосҳои умумии таъини ҷазо вазифаи суд аз рӯи ҳар як парвандаи ҷиноятӣ мебошад.

3. Ҳангоми таъини ҷазои ниҳоӣ аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо баҳри раҳо ёфтан аз ду маротиба ба инобат гирифтани ҳамон як ҳолатҳо мавриди таъини ҷазо барои ҳар як ҷиноят бояд омилҳое, ки танҳо ба он мансубанд ва ҳангоми муқаррар намудани маҷмӯи ҷазо– пайвасти омилҳо ба инобат гирифта шаванд, алалхусус агар онҳо хислати навро, ки дар марҳилаи якум ба инобат гирифта нашудааст ва шаҳодати хавфи баланди тамоми ҷиноятҳои

содиргардида мебошад, таъсис додаанд: а) шумораи ҷиноят, б) вобастагии онҳо бо хавфи ҷамъиятӣ, в) вақте, ки байни содир намудани онҳо гузаштааст.

4. Ҳангоми маҷмӯи ҷиноятҳоро ташкил намудани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна қонунгузор дар қ.2-и м. 67-и КҶ ҶТ таъин намудани ҷазои ниҳоиро бо истифода аз ду принсип, яъне бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ва бо роҳи қисман ва ё пурра зам намудани ҷазоҳо муқаррар намуда, аммо дар кадом ҳолатҳо аз ҷониби суд интихоб намудани яке аз принсипҳои мазкурро ба таври дахлдор муайян накарда, онро ба ихтиёри суд вогузор намудааст. Дар қонунгузории ҷиноятӣ муайян намудани ҳолатҳои мазкур аз ҷониби судяҳо ҷиҳати дуруст ва одилона татбиқ намудани ҷазои ниҳоӣ барои шахсе, ки маҷмӯи ҷиноятҳоро содир намудааст, зарур ва манфиатбахш мебошад.

Аз ин лиҳоз, рисоланавис пешниҳод намудааст, ки принсипи бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, ки бо қ.2-и м.67-и КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, барои таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳои начандон вазнин ва (ё ин ки) дараҷаи миёна дар ҳолатҳои зерин татбиқ карда шавад:

– ҳангоми маҷмӯи ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршуда, инчунин ҳангоми маҷмӯи ҷиноятҳои қасдона ва аз беэҳтиётӣ содиршуда;

– ҳангоми таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо, агар суд қоидаҳои бо м.63-и КҶ ҶТ пешбинишударо нисбати як ё якчанд ҷиноятҳои ба маҷмӯи ҷиноятҳо дохилшаванда татбиқ намудааст.

5. Ба ақидаи муаллиф татбиқ кардани принсипи қисман зам кардани ҷазоҳо, ки дар қ.3-и м.67-и КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, дар ҳолатҳои зерин самарабахш мебошад:

– маҷмӯи ҷиноятҳои дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин, агар ҳолатҳои сабуккунанда ҷой доранд ва ҳангоми таъини ҷазо барои ҳамаи ҷиноятҳое, ки ба маҷмӯи ҷиноятҳо дохил мешаванд м.61-и КҶ ҶТ татбиқ карда шавад;

– маҷмӯи ҷиноятҳои миёна, вазнин ва махсусан вазнин, агар ҳангоми таъини ҷазо лоақал барои яке аз ҷиноятҳое, ки ба маҷмӯъ дохил мешаванд м.63-и КҶ ҶТ татбиқ карда шавад;

– маҷмӯи ҷиноятҳои махсусан вазнин, агар ҳангоми таъини ҷазо барои

ҳамаи ҷиноятҳое, ки ба маҷмӯи ҷиноятҳо дохил мешаванд м.61-и КҶ ҶТ ё ин ки агар ҳангоми таъини ҷазо лоақал барои яке аз ҷиноятҳое, ки ба маҷмӯи ҷиноятҳо дохил мешаванд м.63-и КҶ ҶТ татбиқ карда шавад ва ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо, ки бо м.62-и КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, вуҷуд надоранд;

– ҳангоми таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо ҳамаи категорияҳои ҷиноят, ки аз ҷониби ноболиғон содир карда шудааст;

– ҳангоми таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо ҳамаи категорияҳои ҷиноят, ки аз ҷониби шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ бе истиснои номукаллафӣ (қ.2-и м.25-и КҶ ҶТ) содир карда шудааст. Ин бо он асос меёбад, ки тибқи қ.2 -и м.25-и КҶ ҶТ бо худ «номукаллафии маҳдуд» бояд аз ҷониби суд ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазои гунаҳгор ба инобат гирифта шавад.

– дар тамоми ҳолатҳои боқимонда, агар ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо, ки бо м.м. 61, 63-и КҶ ҶТ пешбинишуда вуҷуд надоранд, татбиқ намудани принсипи пурра зам кардани ҷазоҳо, аз он ҷумла ҳангоми ҷой доштани маҷмӯи идеалии ҷиноятҳо самарабахш мебошад.

6. Аз ҷониби муаллиф пешниҳод карда шудааст, ки дар қ.қ. 2 ва 3-и м.67-и КҶ ҶТ дар ҷойи аввал ибораи “пурра” зам намудани ҷазоҳо бар ивази ибораи “қисман” зам намудани ҷазоҳо гузошта шавад, чунки дар қ.қ. 2 ва 3-и м.67-и КҶ ҶТ зарурати номбар кардани онҳо пеш омада, дар онҳо дар ҷойи якум қисман зам кардани ҷазоҳо ҷойгир карда шудааст. Ин мақсади афзалиятноки ҷазои барои ҷинояти дахлдор таъиншударо (қ.2-и м.46-и КҶ ҶТ), ки бо тамоми андозаи охирин муайн карда мешавад, паст карда, ба таври воқеӣ судҳоро маҷбур месозад, ки пурра зам кардани ҷазоҳоро ба ҷойи охир гузоранд. Аз ин лиҳоз, дар қонун иваз кардани ҷойҳои қоидаҳои таъини ҷазои ниҳоӣ бо роҳи зам кардани ҷазоҳое, ки барои ҷиноятҳои ба маҷмӯъ дохилшаванда таъин карда шудаанд, мувофиқи мақсад мебошад.

7. Муаллиф қайд намудааст, ки дар таҷрибаи судӣ аз ҷониби судяҳо ҳангоми муайян намудани ҷазои ниҳоӣ дар намуди якумра маҳрум сохтан аз озодӣ қ.4-и м.67-и КҶ ҶТ татбиқ карда мешавад, ки ҳолати мазкур нодуруст татбиқ намудани меъёри моддӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар муқаррароти қ.4-и м. 67-и КҶ ҶТ таъин намудани ҷазои ниҳоӣ бо роҳи ҷазои сабуктарро дар

бар гирифтани на ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ, балки ҷазои қатл пешбинӣ шудааст. Камбудии қонунгузории ҷиноятӣ судяҳоро маҷбур месозад, ки ин муқаррароти моддиро бинобар номукаммал буданаш нодуруст татбиқ намоянд.

Аз ҷониби рисоланавис муқаррароти қ.4-и м.67-и КҶ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шудааст:

"Агар барои яке аз ҷиноятҳои дар маҷмӯъ содиршуда ҷазои қатл таъин карда шавад, он гоҳ ҷазои ниҳоӣ бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои қатл таъин карда мешавад. Дар сурати барои яке аз ҷиноятҳои дар маҷмӯъ содиршуда таъин гардидани ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ, ҷазои ниҳоӣ бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ таъин мегардад."

8. Ҳамзамон муаллиф қайд намудааст, ки тибқи талаботи м.2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ» аз 12 январи соли 2010, №588, омор-маҷмӯи маълумотҳои миқдорӣ оид ба ҷамъи зуҳурот ё равандҳо ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи муаллиф дар ҷомеаи имрӯзаи мо содиршавии зиёди маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷумла, ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин аз ҷониби ҷинояткорон зуҳуроти номатлубе ба шумор меравад, ки ин омил ниёз ба омӯзиши илмӣ ва баҳисобгирии оморирро аз ҷониби мақомотҳои дахлдор талаб менамояд.

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмии мазкур аз ҷониби муаллиф муайян карда шудааст, ки дар хусуси ба ҷинояткорон таъин намудани ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи м.67-и КҶ ҶТ, маҷмӯи ҳукмҳо мутобиқи м.68-и КҶ ҶТ ва оид ба бекор шудан ва тағйир ёфтани санадҳои судӣ бо вайрон кардани муқаррароти м.м.67 ва 68-и КҶ ҶТ аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи омории ҳуқуқӣ бурда намешавад, ҳол онки дар банди 19.3-и Шакли №6 ҳисоботи кори суд оид ба натиҷаҳои баррасии парванда дар суд хусусияти таъин намудани ҷазоҳо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо бевосита пешбинӣ шудааст. Дар натиҷа ҳолати мазкур боиси дур мондан аз таҳлил ва баҳисобгирии оморӣ мегардад.

Аз ин хотир, аз ҷониби муаллиф пешниҳод карда шудааст, ки дар Шакли №1 ҳисоботи кори суди марҳилаи якум оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, ки бо фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2018, №65 тасдиқ карда шудааст, дар хусуси аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо (м.67-и КҶ ҶТ) ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо (м.68-и КҶ ҶТ) маҳкум шудани маҳкумшудагон ва дар Шаклҳои №№ 5 ва 10 ҳисобот оиди баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ аз ҷониби коллегияҳои судии Суди Олии ҶТ, Суди ВМКБ, судҳои вилоят ва ш.Душанбе, дар хусуси бекор ва ё тағйир ёфтани санадҳои судӣ бо вайрон кардани муқаррароти м.67-и КҶ ҶТ (аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо) ва м.68-и КҶ ҶТ (аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо) маълумоти иловагӣ ворид карда шавад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати танзими қонунгузории ҷиноятӣ оид ба масъалаи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо иборат мебошад.

Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии диссертатсия дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ метавонад ки истифода шаванд.

Хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, инчунин дар заминаи таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии он дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Диссертатсия ба ихтисоси: 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат мекунад.

Оид ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 8 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядиҳанда ба табъ расидаанд ва пурра мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Ҳамаи мақоллаҳо ва дастурҳои навишташудаи муаллиф оид ба мухтавои

диссертатсия навишта шуда, таҳлили онҳо дар қисми хулосавии диссертатсия сабт ёфтааст.

1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1–М]. Абдуллозода Ҷ.А. Таърихи инкишофёбии таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ҷазои сабуктарро дарбар гирифтани ҷазои вазнинтар) [Матн] / Ҷ.А.Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Душанбе, 2017. – № 2/7. – С. 248–254.

[2–М]. Абдуллозода Ҷ.А.Ҷазоҳои иловагӣ ва баъзе аз хусусиятҳои хосси таъини он барои ҷиноятҳои алоҳида ва маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.А. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Душанбе, 2018. – № 1 – С. 176–184.

[3–М]. Абдуллозода Ҷ.А. Сершуморагии ҷиноятҳо:мафҳум, моҳият ва аломатҳои он [Матн] / Ҷ.А.Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Душанбе, 2018. – № 8 – С. 211–218.

[4–М]. Абдуллозода Ҷ.А. Маҷмӯи ҷиноятҳо ва таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои аъзои ИДМ (ташхиси муқоисавӣ) [Матн] / Ҷ.А.Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Душанбе, 2020. – № 6 – С. 270–275.

[5–М]. Абдуллозода Ҷ.А. Ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан: таъин ва иҷрои он ҳангоми маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (мушкилотҳои қонунгузорӣ ва таҷрибаи судӣ) [Матн] / Ҷ.А. Абдуллозода // Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмию сиёсӣ). – Душанбе, 2022. – №1 (55) – С. 201-208.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:

[6–М]. Абдуллозода Ҷ.А. Баъзе аз масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо [Матн] / Ҷ.А.Абдуллозода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии

илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”, “Соли рушди сайёва ҳунарҳои мардумӣ”, “140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ” ва “70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”-Душанбе: Матбааи ДМТ.-С. 385.

[7-М]. Абдуллозода Ҷ.А. Саршавии муҳлати адои ҷазо ва интихоби намуди муассисаи ислоҳӣ ҳангоми таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо (мушкилоти қонунгузорӣ ва амалияи судӣ) [Матн] / Ҷ.А. Абдуллозода // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ – Душанбе, 2022. – №1 январ-март – С. 242-245.

[8-М]. Абдуллозода Ҷ.А. Нақши ҳоалтҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда дар қатори меъёрҳои таъини ҷазо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.А. Абдуллозода // Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2022. – №2 апрел-июн – С. 58-74.

Ҳамаи мақолаҳои муаллиф оид ба мухтавои диссертатсия навишта шуда, таҳлили онҳо дар қисми хулосавии диссертатсия сабт гардидаанд.

Ҳамин тавр,

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1.Диссертатсия таҳқиқоти мантиқан анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ дорад ва аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои нави илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад, ки дар он саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба назар мерасад. Рисолаи мазкур ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

2.Диссертатсияи Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзӯи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо

коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар, суратмаҷлиси №1 аз «30»-юми августи соли 2022.

Раиси ҷаласа:
И.в. мудири кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
н.и.ҳ. Раҳмонзода М.Ҷ.

Котиби ҷаласа:
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
н.и.ҳ., Холиқзода Ш. Л.

Имзои М.Ҷ. Раҳмонзода ва Ш.Л. Холиқзодаро
тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавкиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ